# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович дар мавзӯи «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих).**

Соҳибистиқлолӣ дар ҳақиқат дар таърихи навини тоҷикон неъмати бузург ба ҳисоб рафта, он на танҳо барои рушд ва инкишофи сохти давлатдорӣ мусоидат намуда, робитаҳои гуногунҷабҳа тавсеа ёфтанд, балки барои пешрафти илм ва маориф низ имкониятҳои зиёде фароҳам овард. Дар илми таърихнигории муосири тоҷик ҳам тағйироти куллӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба вуҷуд омада, муаррихон имконият пайдо карданд, ки бештар бо назардошти арзишҳои миллӣ таърихи халқ ва миллату давлати худро ба таври воқеӣ омӯзанд ва ба ҳодисаҳои таърихӣ баҳо диҳанд. Дар ин росто омӯзиши таърих, хусусан таърнихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле муҳим буда, он ба саволҳои зиёди беҷавоб посухи дурусти илмӣ медиҳад. Маҳз рӯоварию дар шакли як кори диссертатсионӣ омода кардани Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович аллакай худ боиси дастгирӣ мебошаду чунин рисола хеле зарӯрӣ ва дар замони муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Аз нигоҳи илмӣ низ чунин корҳо диққатҷалбкунанда мебошад. Дар алоқа ба ин автореферати Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович низ дорои аҳамияти вижа мебошаду он ба таври фишурда кори диссертатсионии ӯро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ инъикос менамояд. Дар автореферат мубрамияту муҳиммияти илмӣ-назариявӣ ва амалии мавзӯи тадқиқот, мақсаду вазифаҳои он, дараҷаи омӯзиш, мавҷудияти сарчашмаҳо, давраҳо, назарияю усулҳои истифодашуда ва натиҷаҳои асосии кори тадқиқшаванда қайд шуданд.

Дар қисмати «Тавсифи умумии кор» муаллиф доир ба робитаи кори тадқиқотии хеш бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, барои расидан ба ҳадаф иҷрои як қатор вазифа, объекти

таҳқиқоти диссертатсионӣ, предмети таҳқиқот, доираи хронологӣ, асоси назариявӣ-методологии пажӯҳиш, пойгоҳи сарчашмаҳои кор, навгониҳои илмӣ, пешниҳоди якчанд муқаррарот барои ҳимоя, таъйиди диссертатсия ва сохтору ҳаҷми диссертатсия маълумоти зарурӣ додааст.

Дар қисми «Мундариҷаи асосии диссертатсия»-и автореферат бошад муаллиф ба таври мушаххас дар бораи бобҳои кори диссертатсия, аз ҷумла дар бораи боби якум: «Инъикоси вазъи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ» бо се зербоби он, боби дуюм: «Инъикоси сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ» ва зербобҳои он маълумот додааст.

Дар автореферат хулосаи кори диссертатсионӣ, аслан натиҷаҳои асосии илмӣ ва муқарраroти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар интишороти муаллиф аз чумла дар ду васоити таълиӣ ва 14 мақола дарҷ гаштааст.

Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович дар натиҷаи истифодаи васеъ, таҳлили муқоисавию интиқодии сарчашмаҳо, маводи мухталиф тадқиқоти арзишманди илмиро ба анҷом расонидааст.

Мавриди зикр мебошад, ки рисола ба забони ноби тоҷикӣ фасеҳу равон ва хеле хуб навишта шудааст.

Ҳамин тавр, кори баанҷомдодаи унвонҷӯ дар такя ба сарчашмаю адабиёти илмӣ мустақилона иҷро гашта, маводи наверо пешниҳоди аҳли илм кардааст. Хулосаҳои пешниҳодкардаи муаллиф аксар қобили қабул буда, истифодаи онҳо дар амал ба манфиати кор мебошад.

Мазмуни диссертатсия пурра дар мақолаю корҳои чопшудаи илмии муаллиф инъикос ёфтаанд. Бо автореферат, ки ба мазмуни матни диссертатсия мувофиқ аст, бо хулосаю натиҷагириҳои аз рисола гирифтаи муҳаққиқ розӣ шудан мумкин мебошад.

Бо назардошти ин ҳама, метавон гуфт, ки автореферати Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович «Таърихнигории таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол» ба тамоми талаботи КОА –и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мирзоев Ҷӯрабек Абдулович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ» (илмҳои таърих) арзанда мебошад.

**Мудири кафедраи таърихи дунёи қадим,**
**асрҳои миёна ва археологияи факултети**
**таърихи ДМТ, номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Хоҷаев Меҳровар Пардаалиевич**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе.
ДМТ. Тел: (+992) 918471167, E-mail: Mehrovar_Kh@mail.ru

**Номзади илмҳои таърих, дотсенти**
**кафедраи таърихи дунёи қадим,**
**асрҳои миёна ва археологияи**
**факултети таърихи ДМТ.** **Асоев Сабзаалӣ Убайдович**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе.
ДМТ. Тел: (+992) 938006296, E-mail: aso-zoda@mail.ru

Имзоро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Тавқиев Э.